*УДК 338*
*DOI 10.24412/2411-1945- 2023-1-64-72*

# *ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ПӮЁИИ ФАЪОЛИЯТИ БИЗНЕС-СОХТОРҲО ҲАМЧУН ОМИЛИ ДАР РУШДИ САНОАТИ КОРКАРДИ ВИЛОЯТИ СУҒД*

***Зокиров Махкамҷон Ахмадович**, мудири маркази бақайдгирӣ ва машварати Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

# *СТИМУЛИРОВАНИЕ АКТИВИЗАЦИИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ БИЗНЕС-СТРУКТУР КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ПЕРЕРАБАТЫВАЮЩЕЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ*

***Зокиров Махкамджон Ахмадович,** заведующий цетром регистрации и консультирования Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Худжанд, Таджикистан)*

# *BUSINESS STRUCTURES SUPPORT AS THE FACTORS OF OLD INDUSTRY DEVELOPMENT OF SUGHD REGION*

***Zokirov Mahkamjon Ahmadovich,** Head of the registration and consultation center of Tajik State University of Law, Business and Politics (Khujand, Tajikistan)*
***E-MAIL:** zma-1986@mail.ru*

*Нақши саноати коркард дар рушди иқтисодиёт муайян ва аҳаммияти бизнес-сохторҳо дар рушди устувори минтақа дар шароити тағйироти сохтории иқтисодиёт исбот карда шудааст. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба сиёсати давлатӣ дар рушди бизнес-сохторҳо ду самти дахолати давлатӣ тавсиф шудааст. Бо истифода аз додаҳои оморӣ тағйироти сохтории соҳаи саноати вилояти Суғд мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Инчунин фаъолнокии бизнес-сохторҳо дар сатҳи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд таҳлил шуда, мавқеи онҳо муайян шудаанд. Ҳавасмандкунии давлатӣ чун омили афзалиятнок дар баланд бардоштани нақши бизнес-сохторҳои саноатӣ дар рушди устувори минтақа баррасӣ гардида, самтҳои он муайян карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:** бизнес–сохторҳо, саноати коркард, рақобатпазирӣ, иқтисоди минтақа, тағйироти саноатӣ, саноатикунонӣ, захираҳо, технологияҳо*

*Определяется роль перерабатывающей промышленности в развитии экономики, а также доказывается значение бизнес-структур в устойчивом развитии региона в условиях структурных изменений в экономике. На основе изучения мирового опыта государственной политики в области развития бизнес-структур упоминаются два направления государственного вмешательства. Структурные изменения в промышленности Согдийской области проанализированы с использованием статистических данных. Также была проанализирована деятельность бизнес-структур на уровне городов и районов Согдийской области и определены их позиции. Рассмотрено государственное стимулирование как приоритетное в повышении роли промышленных бизнес-структур в устойчивом развитии региона и определены его направления.*

***Ключевые слова:** бизнес–структуры, обрабатывающая промышленность, конкурентоспособность, региональная экономика, индустриальные преобразования, индустриализация, ресурсы, технологии*

*The article defines the processing industry role in the development of economy, and also proves the importance of business structures in the sustainable development of the region in the context of structural changes of economy. Based on the study of the world experience of state policy in the field of development of business structures, two areas of state intervention are mentioned.*

*Structural changes in the industry of Sughd region are analyzed using statistical data. The activities of business structures at the level of cities and districts of Sughd region are reviewed and their positions are defined. State incentives are considered as a priority to increase the role of industrial business structures in sustainable development of the region and its directions are given.*

**Key-words:** *business-structures, manufacturing industry, competitiveness, regional economy, industrial transition, industrialization, resources, technology*

Дар давлатҳои мутараққӣ саноати коркард сарчашмаи шуғли аҳолӣ ба ҳисоб намеравад, зеро дар ин давлатҳо аҳолиро асосан соҳаҳои инноватсионӣ ва рақамикунонида бо кор таъмин мекунанд. Таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ шаҳодат медиҳад, ки афзоиши ҳиссаи саноати коркард дар иқтисодиёти миллӣ аз якчанд омилҳо вобаста аст. Аз ҷумла:

- сатҳи рушди иқтисодиёти мамлакат;
- талабот ба маҳсулоти соҳаи коркард;
- хусусияти сиёсати саноатии мамлакат ва ғайра.

Коҳиш ёфтани соҳаи мазкур дар амалияи давлатҳои абарқудрати дунё дар ИМА ва Англия ба назар мерасад. Дар ММД алҳол ҳиссаи зиёдро соҳаи хизматрасонӣ ишғол мекунад, соҳаи саноати коркард бошад, ҳиссаи пасттаринро дорад. Бо вуҷуди ин лозим ба таъкид аст, ки новобаста аз вазъи кунунӣ саноати коркард дар низоми иқтисодии ҳар як давлат нақши муҳимро мебозад. Самаранок намудани сохтори фаъолияти саноати коркард метавонад ба такмили соҳа, ҷалби сармоя ва зиёд шудани корхонаҳои коркард оварда расонад.

Дар низомҳои мутараққии иқтисодӣ бизнес-сохторҳо нақши калон мебозанд, инкишофи устувор ва рушди иқтисодиёт, сатҳи баланди рақобатпазирӣ, инчунин некӯаҳволии иҷтимоии аҳолиро таъмин менамоянд. Дар шароити муосири ҷаҳони имрӯза дар аксари давлатҳои дунё соҳаи коркарди саноатӣ ҷузъи ҷудонашавандаи соҳаи саноат ва, умуман, иқтисодиёти он давлатҳо маҳсуб меёбад. Бахши коркарди соҳаи саноат соҳаи сердаромад ба ҳисоб меравад ва мавҷудияти мутахассисони баландихтисос, захираҳои техникиву технологии пурқувватро талаб мекунад. Айни замон, соҳаи мазкур бо як қатор муаммоҳо рӯ ба рӯ шудааст. Муаммои аввалин коҳиши талабот дар давлатҳои тараққикардаистода мебошад. На ҳамаи давлатҳо қудрати харидории техникаву таҷҳизоти зарурии коркардро доранд. Муаммои навбатӣ маҳдудият дар истифодаи захираҳои табиӣ, энергетикӣ, логистӣ ва амсоли инҳо мебошад.

Аз ин лиҳоз, бо назардошти аҳаммияти бизнес-сохторҳо дар ташаккули арзиши нави иловашуда дар иқтисодиёти миллӣ, бо мақсади тавсеа бахшидан ва фаъол кардани субъектҳои иқтисодӣ зарурати ҳавасмандгардонии бизнес-сохторҳо ба миён меояд.

Дар доираи сиёсати нав ва ё сиёсати уфуқии саноатӣ интихоби шаклҳои дурусти дахолати давлат дар ду самти асосӣ ба амал бароварда мешавад. Якум, паст шудани сатҳи номуайянии иқтисодӣ. Яъне равандҳои ҳозираи дигаргунсозии иқтисодиёти миллӣ ва муҳити институтсионалии мамлакат нишон медиҳанд, ки ин роҳи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он то ҳол дорои унсури сиёсати сотсиалистӣ буда, натиҷаи назаррас нахоҳад дод. Самти дуюм, интихоби афзалиятҳо ва бозтақсими захираҳо ва назорат байни бозор ва корхонаҳоро дар бар мегирад. Маҷмуи чунин усулҳо ба тағйир додани таносуби асосии системаи иқтисодӣ равона карда шудаанд.

Дар таърихи иқтисодиёти мамлакат масъалаи ҳавасмандгардонӣ ва дигарунсозии сохторӣ муаммои анъанавӣ ба ҳисоб меравад. Ба туфайли сиёсати як қатор мамлакатҳои Осиёи Миёна дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ таваҷҷӯҳ ба ин усул афзуд. Дар ин ҷо низоми танзим интихобӣ буда, интиқоли технологияро афзалтар медонистанд, ки ангезандаи рушди босуръати иқтисодӣ маҳсуб меёфт. Дар тамоюли сохтори нави иқтисодӣ, ки асосгузори он Ҷон Лин буд, як ҳавзаи томи тадқиқотӣ оид ба ин мавзӯъ эҷод намудааст.

Барои ҳаматарафа омӯхтани нақши бизнес-сохтор дар сохтори саноат ҳамчун соҳаи устувори мамлакат усули арзёбии мутлақ ва нисбӣ истифода бурда мешавад. Ба сифати арзиши мутлақ, массаи сохториро мегирем. Ба ҳайси арзиши нисбӣ бошад, нишондиҳандаҳои тағйироти сохторӣ ба инобат гирифта мешавад. Динамикаи тағйироти сохторӣ тавассути арзёбии суръати тағйирёбии сохтор пайгирӣ карда мешавад.

Алгоритми ҳисобкунӣ аз ҳафт қадами пайдарпай иборат аст:

1. Интихоб ва гурӯҳбандии бахшҳои саноат, меъёрҳои арзёбӣ;
2. Ҷамъоварии маълумоти ибтидоӣ оид ба нишондиҳандаҳои даврӣ: музди меҳнат, даромад, фондҳои корхонаҳо, музди миёнаи кор аз рӯи соҳаҳои саноат;
3. Дефлятсияи маълумоти ибтидоӣ;
4. Ҳисоб кардани индекс, масса ва суръати тағйироти сохторӣ аз рӯи даромад, шумораи кормандон, маблағгузорӣ ба фондҳои асосӣ;
5. Ҳисоб кардани даромаднокии фурӯш барои корхонаҳои хурди соҳаи мушаххаси саноат;
6. Муайян кардани таносуби байни даромаднокии фурӯши корхонаҳои саноатӣ, индексҳои тағйироти сохторӣ аз рӯи маблағгузорӣ ба фондҳои асосӣ;
7. Шарҳи натиҷаҳо.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият барои рушди соҳаи саноати кишвар умуман ва минтақаҳои он хусусан корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Дар ин бора, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид карда буд: “Баъд аз ба даст овардани истиқлолият сиёсати давлат дар соҳаи саноат ба куллӣ тағйир ёфт, ба таҳкими истеҳсолот ва содироти маҳсулоти тайёр бо роҳи ворид намудани технологияҳои нав, васеъ истифода бурдани манбаъҳои ашёи хом, коркарди пурраи он ва истифодаи ҳамаҷонибаи захираҳои меҳнатӣ таваҷҷӯҳи хоса дода мешавад.

Тадбирҳои саривақтӣ андешидашуда натиҷа худро доданд, агар соли 1991 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шуда бошад, пас дар соли 2020 шумораи корхонаҳои саноатӣ ба 2274 адад расида, тибқи нақшаҳои пешбинишудаи давлат дар ҳафт соли оянда ба зиёда аз 3500 мерасад, яъне инкишоф зиёда аз 54%-ро ташкил хоҳад дод”[1].

Таҳлили амиқи иқтисодиёти вилояти Суғд нишон медиҳад, ки ҷойгиршавии корхонаҳои саноатӣ, ки аз ҷониби субъектҳои соҳибкории ватанӣ ва хориҷӣ дар минтақа таъсис дода шудаанд, нобаробарӣ хос аст. Баъзе шаҳру ноҳияҳои вилоятро ба саноатӣ, ноҳияҳои дигарро ба каму беш саноатӣ, сеюминро ба соф кишоварзӣ мансуб медонанд. Барои исботи ин иддао, вазъи истеҳсоли маҳсулоти саноатиро дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, ки дар ҷадвали 1 оварда шудаанд, баррасӣ мекунем.

***Ҷадвали 1***

***Шумораи шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташуда аз рӯи шаклҳои моликият дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои ҷумҳуриявӣ дар соли 2021***

| **нишондиҳанда** | **минтақа** | **микдор (воҳид)** | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ корхонаҳо | ҶТ | 48625 | | | |
| | в. Суғд | 12359 | | | |
| **аз ҷумла:** | | | | | |
| **нишондиҳанда** | **минтақа** | **Микдор (воҳид)** | **то 30 нафар** | **аз 31 то 200 нафар** | **аз 201 нафар зиёд** |
| корхонаҳои амалкунанда | ҶТ | 29967 | 24350 | 5205 | 410 |
| | в. Суғд | 8923 | 7255 | 64 | 104 |
| | **аз онҳо:** | | | | |
| давлатӣ | ҶТ | 9604 | 5023 | 4281 | 300 |
| | в. Суғд | 2475 | 1167 | 1237 | 71 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| хусусӣ ва коллективӣ | ҶТ | 19829 | 18880 | 861 | 88 |
| | в. Суғд | 6357 | 6024 | 308 | 25 |
| хориҷӣ ва муштарак | ҶТ | 534 | 447 | 63 | 24 |
| | в. Суғд | 91 | 64 | 19 | 8 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон/маҷмуаи оморӣ. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С.224.*

Аз додаҳои ҷадвал чунин бармеояд, ки дар давраи баррасӣ (соли 2021) дар миқёси ҷумҳурӣ дар соҳаи саноат 48625 адад корхона чун шахсони ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз онҳо 29967, яъне 61,6 фоиз корхонаҳои амалкунанда буданд, корхонаҳои боқимонда аз фаъолият боз мондаанд. Ин нишондиҳанда дар миқёси вилояти Суғд чунин аст: аз шумораи умумии 12359 адад корхонаҳое, ки чун шахсони ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудаанд 72,2 %-и он, яъне 8923 адад корхонаҳои саноатии амалкунанда мебошанд. Ба ибораи дигар, аз рӯи нишондиҳандаи корхонаҳои саноатии амалкунанда вазъият дар вилоят нисбат ба ҷумҳурӣ беҳтар аст, яъне қисми зиёди корхонаҳои ташкилёфта фаъолият дорад.

Ҳаҷми маҳсулоти саноатии минтақа дар 8 соли охир тамоюли рушди доимӣ дорад ва то рафт зиёд шуда истодааст. Масалан, агар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ соли 2014 нисбат ба соли 2013 дар умум 2,25 маротиба афзуда бошад, соли 2020 нисбат ба соли 2019 афзоиш 1,16 баробарро ташкил кардааст.

Тағйирёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро дар вилояти Суғд дар давраи солҳои 2013-2020 дар диаграммаи зерин низ мушоҳида кардан мумкин аст:

***Диаграммаи 1.***

***Динамикаи ҳаҷми маҳсулоти саноати минтақа***




Агар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ соли 2013 дар вилоят 3801,1 млн.сомониро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда соли 2020 ба 15573,2 млн.сомонӣ расидааст. Мувофиқи омори расмӣ, дар давраи солҳои 2013-2020 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд зиёда аз 4 баробар афзудааст.

Тибқи мушоҳидаҳо гуфтан мумкин аст, ки ноҳияи Шаҳристон, ки дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят ҳиссаи хело кам дорад, аз лиҳози саноат ба шаҳру ноҳияҳои қафомонда мансуб дониста мешавад. Ноҳияҳои Деваштич, Ашт ва Мастчоҳи вилоят низ тақрибан ҳамин гуна мавқеъро доранд. Бояд қайд кард, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд ба қайд гирифта нашудааст, ки ин аз пешниҳод накардани маълумот ва ё мавҷуд набудани истеҳсоли маҳсулот шаҳодат медиҳад. Аз ин ҷо метавон хулоса кард, ки дар доираи татбиқи сиёсати “Саноатикунонии босуръат”, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати стратегияи

чоруми миллӣ қабул карда шуд, дар ояндаи наздик сармоягузориҳо бояд ба ҳамин минтақаҳо равона карда шаванд. Бояд таъкид намуд, ки на танҳо ноҳияҳои қайдшуда, балки ноҳияҳои тараққиёти миёна дошта ва, ҳатто, ноҳияҳои аз лиҳози саноат пешсаф низ аз нуқтаи назари марҳилаи муосири инкишофи тамаддуни инсоният бо ду сабаб ҳамчун ноҳияҳои аз лиҳози саноат ақибмонда тавсиф мешаванд. Аввалан, дар ҳамаи ин минтақаҳо дар саноати коркард қисми хеле ками қувваи корӣ фаъолият мебарад, сониян дар байни воҳидҳои соҳибкорӣ бизнес-сохторҳои саноатӣ ҳиссаи ночизро ташкил мекунад. Маълумот дар бораи теъдоди бизнес-сохторҳо дар бахши саноатии вилояти Суғд дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

***Ҷадвали 2***

***Ҳиссаи бизнес-сохторҳои шахсони ҳуқуқӣ дар бахши саноатии иқтисодиёти минтақа***

| | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| **Шумораи умумии бизнес-сохтор** | 9926 | 10611 | 10328 | 10325 | 10716 | 11025 | 11907 | 12187 | 12359 |
| **Бизнес-сохтор дар саноат** | 324 | 566 | 698 | 604 | 597 | 633 | 657 | 693 | 733 |
| **Ҳиссаи бизнес-сохтор дар соҳаи саноат, бо %** | 3,26 | 5,33 | 6,76 | 5,85 | 5,57 | 5,74 | 5,51 | 5,68 | 5,93 |

***Сарчашма:*** *Тоҷикистон: 30 соли истиқлолият/Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.347.; Омори солонаи вилояти Суғд: Тоҷикистон 30 соли истиқлолияти давлатӣ – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021. – С. 333.*

Аз рӯи додаҳои ҷадвали 2 маълум мешавад, ки вазни қиёсии бизнес-сохторҳо дар соҳаи амалкунандаи саноати вилоят дар соли 2021 қариб 6 %-ро ташкил кардааст. Лозим ба зикр аст, ки ин нишондиҳанда дар солҳои қаблӣ низ тақрибан дар ҳамин ҳудуд қарор дошт. Ин чунин маъно дорад, ки дар 6 соли охир дар самти саноатикунонии иқтисодиёти вилоят ҳанӯз натиҷаҳои мусбат ба даст оварда нашудаанд, оид ба нишондиҳандаҳои мутлақ бошад, қайд кардан мумкин аст, ки ин нишондиҳанда хусусияти ноустувор дорад. Ба ибораи дигар дар баъзе солҳо воҳиди бизнес-сохторҳо нисбат ба солҳои қаблӣ ба миқдори муайян афзоиш ёфтааст. Аз ҷумла, дар соли 2014 нисбат ба соли қаблӣ 1,7 маротиба, соли 2015 нисбат ба соли пешин 1,2 маротиба зиёдшавӣ ба мушоҳида мерасад. Солҳои 2016 ва 2017 бошад нисбат ба солҳои қаблӣ коҳиш ба назар расидааст. Аз соли 2018 то инҷониб боз каме бошад ҳам афзоиш мавҷуд аст. Дар умум соли 2020 нисбат ба соли 2019 афзоиш 105 %-ро ташкил кард. Ҳамаи ин аз мавҷуд набудани стратегияи саҳеҳи таҳкими натиҷаҳои мусбати бадастомада ва зиёдшавии дараҷаи саноатикунонии иқтисодиёти вилоят шаҳодат медиҳад.

Зиёдшавии шумораи бизнес-сохторҳо дар умум, яъне дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқи қаламрави минтақа низ аз рушди он дарак медиҳад. Масалан, агар соли 2013 шумораи бизнес-сохторҳо ба 9926 адад баробар бошад, пас соли 2021 он ба 12359 адад расидааст, яъне 2433 адад ё ин ки 1,24 маротиба афзудааст.

Миқдори бизнес-сохторҳои амалкунанда ба шумораи ашхоси дар бахши саноати ноҳияҳо ва шаҳрҳои вилояти Суғд машғули кор таъсири бевосита мерасонад, ки он дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

*Ҷадвали 3*

***Шумораи шуғлнокон дар бизнес-сохторҳои саноати шаҳру ноҳияҳо (ҳазор нафар)***

| | 2015 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **ҳаз. наф.** | **ба %** | **ҳаз. наф.** | **ба %** | **ҳаз. наф.** | **ба %** | **ҳаз. наф.** | **ба %** |
| **Ҳамагӣ дар вилоят** | 402,0 | 100 | 408,2 | 100 | 421,5 | 100 | 432,4 | 100 |
| ноҳияи Айнӣ | 19,9 | 5,0 | 18,8 | 4,6 | 18,7 | 4,4 | 18,9 | 4,4 |
| ноҳияи Ашт | 15,7 | 3,9 | 16,0 | 3,9 | 16,4 | 3,9 | 16,9 | 3,9 |
| ноҳияи Б.Ғафуров | 30,4 | 7,6 | 31,7 | 7,8 | 32,0 | 7,6 | 32,1 | 7,4 |
| шаҳри Бустон | 5,5 | 1,4 | 7,9 | 1,9 | 6,9 | 1,6 | 6,4 | 1,5 |
| шаҳри Гулистон | 10,0 | 2,5 | 10,2 | 2,5 | 11,6 | 2,8 | 12,1 | 2,8 |
| ноҳияи Деваштич | 25,6 | 6,4 | 26,5 | 6,5 | 26,5 | 6,3 | 30,8 | 7,1 |
| ноҳияи Зафаробод | 16,4 | 4,1 | 16,2 | 4,0 | 16,3 | 3,9 | 16,3 | 3,8 |
| шаҳри Истиклол | 1,4 | 0,3 | 1,4 | 0,3 | 1,4 | 0,3 | 1,4 | 0,3 |
| шаҳри Истаравшан | 49,8 | 12,4 | 49,6 | 12,2 | 48,6 | 11,5 | 47,9 | 11,1 |
| шаҳри Исфара | 31,9 | 7,9 | 32,2 | 7,9 | 32,2 | 7,6 | 32,1 | 7,4 |
| шаҳри Канибадам | 15,9 | 4,0 | 14,6 | 3,6 | 23,3 | 5,5 | 23,7 | 5,5 |
| ноҳияи К. Мастчоҳ | 8,4 | 2,1 | 8,6 | 2,1 | 8,8 | 2,1 | 9,2 | 2,1 |
| ноҳияи Мастчоҳ | 34,5 | 8,6 | 36,4 | 8,9 | 36,9 | 8,8 | 36,9 | 8,5 |
| шаҳри Пенджикент | 47,5 | 11,8 | 47,3 | 11,6 | 49,8 | 11,8 | 50,4 | 11,7 |
| ноҳияи Спитамен | 20,0 | 5,0 | 20,9 | 5,1 | 21,5 | 5,1 | 27,1 | 6,3 |
| шаҳри Хуҷанд | 41,2 | 10,2 | 38,9 | 9,5 | 39,5 | 9,4 | 38,7 | 9,0 |
| ноҳияи Ҷ.Расулов | 22,8 | 5,7 | 23,7 | 5,8 | 23,8 | 5,6 | 24,1 | 5,6 |
| ноҳияи Шаҳристон | 5,1 | 1,3 | 7,3 | 1,8 | 7,3 | 1,7 | 7,4 | 1,7 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи вилояти Суғд: Тоҷикистон 30 соли истиқлолияти давлатӣ. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021. – С. 150.*

Мувофиқи додаҳои ҷадвали 2.4 шумораи одамони машғули меҳнат дар бизнес-сохторҳои саноати шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар соли 2015 – 402,0 ҳазор нафарро ташкил дод. Ин нишондиҳанда дар соли 2020 ба 432,4 ҳазор нафар расид, яъне соли 2020 теъдоди ашхоси машғули меҳнат дар бизнес-сохторҳои саноатӣ нисбат ба соли 2015 – 7,5 % афзудааст. Дар бизнес-сохторҳои шаҳри Панҷакент 50,4 ҳазор нафар кор мекарданд, ки 11,7% шумораи умумии коргарони кироаи вилояти Суғдро ташкил мекунад. Аз рӯи ин нишондиҳанда ҷои дуюмро шаҳри Истаравшан ишғол мекунад. Дар ин шаҳр 47,9 ҳазор нафар дар бизнес-сохторҳо машғули коранд, ки он 11,1% шумораи умумии коргарони кироаи вилоятро ташкил мекунад. Дар чунин ноҳияҳо, аз қабили Б.Ғафуров – 7,4 %, н. Мастчоҳ – 8,5%, н. Деваштич – 7,1%, вазни қиёсии кормандони кироя зиёда аз 7 %-ро аз шумораи умумии кормандони кироаи вилоят ташкил медиҳанд. Дар дигар ноҳияҳо бошад ин нишондиҳанда аз 7%, ҳатто, аз 5% кам аст. Ин маънои онро дорад, ки саноати вилоят ҳоло соҳаи пурра бо кор таъминкунандаи захираҳои меҳнатии озод нест, ки ин камбудии ҷиддӣ буда, мутаносибан, дар оянда барои ислоҳи ин мавқеъ, ҳамкории якҷояи ҳамаи субъектҳои амалкунанда дар ҳудуди минтақа, хусусан, мақомоти маҳаллию иҷроияи ҳокимияти давлатии хоҷагидорӣ ва бизнес-сохторҳо талаб карда мешавад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки барои баланд бардоштани нақши бизнес-сохторҳои саноатӣ дар таъмини амнияти иқтисодии минтақа давлат бояд фаъолияти дарозмуддат ва муваффақи онҳоро ҳавасманд намояд. Дастгирии давлатии бизнес-сохторҳои саноатӣ дар шаклҳои мухталиф амалӣ карда мешавад (ниг. ба расми 1.).

***Расми 1.***

***<u>Хусусиятҳои дастгирии бизнес-сохторҳои истеҳсолӣ дар иқтисодиёти миллӣ</u>***




Пӯшида нест, ки дар ҳамаи манотиқи дунё дастгирии давлатии соҳаҳои хоҷагидории халқ муҳаррики асосии пешбарандаи ҷомеа маҳсуб меёбад. Иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он тариқи таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дастгириву рушди бизнес-сохторҳои истеҳсолӣ, таъмини кадрии соҳаҳои илмӣ-методӣ, таъмини иттилоотӣ, дастгирии молиявӣ-қарзӣ ва сармоявӣ, бехатарии иҷтимоӣ дар сохтори саноат, дастгирии истеҳсолӣ ва инноватсионӣ, ташкили ҷойи кории холӣ ва амсоли инҳо ба роҳ монда шудааст[2, с.177].

Дастгирии давлатии соҳибкорӣ ин мақсаднок фароҳам овардани шароити иқтисодию ҳуқуқӣ, ангезаҳо барои рушди истеҳсолот, инчунин ба он сармоягузорӣ намудани захираҳои моддию молиявӣ дар асоси шартҳои имтиёзнок мебошад.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо мақоми асосии иҷроия мебошад, ки вазифаҳои таҳияи сиёсати давлатӣ, танзими меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи рушди бизнес-сохторҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Вазорати мазкур дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014 с. № 1107 “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” дар кулли минтақаҳои ҷумҳурӣ барои рушди соҳибкорӣ дар соҳаи саноат тадбирҳо меандешад.

Дастгирии молиявӣ аз пешниҳоди захираҳои молиявӣ барои кушодан ва инкишоф додани бизнеси хурд (ҷубронпулӣ, субсидияҳо, грантҳо, қарзҳои имтиёзнок) иборат аст. Масалан, пешниҳоди субсидия ба ширкатҳое, ки бо фаъолияти инноватсионӣ машғуланд; субсидияи мизони фоиз аз рӯи қарзҳои пешкашшаванда ба соҳибкории хурду миёна; маблағгузории якчояи хароҷоти хариди таҷҳизот[3, с.12].

Дар таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ барои дастгирии фаъолияти бизнес-сохторҳо дар сатҳи минтақавӣ фондҳои кафолат ташкил карда мешаванд. Фондҳои кафолати минтақавӣ инчунин воситаи дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна мебошанд, зеро додани кафолатҳои давлатӣ аз рӯи қарзҳои соҳибкории хурду миёна дар тамоми ҷаҳон маъмултарин тадбири дастгирии давлатӣ мебошад. Фондҳои кафолатӣ ба

ширкатҳо дар сегменти тиҷорати хурд кафолат медиҳанд. Замонати фондҳо ба шартномаҳои қарз, шартномаҳои лизинг, шартномаҳои оид ба пешкаш намудани кафолатҳои бонкӣ тақсим карда мешаванд.

Умуман, такомули соҳибкорӣ дар шароити минтақаҳо барои баланд бардоштани масъулияти субъектҳо дар назди давлат, ҷомеа ва кам кардани таъсир ба муҳити зист зарур аст, ки афзалиятҳои асосиро масъулиятнокии сармоягузорӣ, маблағгузорӣ муайян мекунад. Аммо бояд таъкид намуд, ки дар рушд ва дастгирии соҳибкорӣ камбудиҳои зерин мавҷуданд: назорати номукаммал ба фаъолияти ҷории соҳибкорон, мавҷуд набудани таҳлили фаъолияти онҳо, мавҷуд набудани дастгирии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, набудани зершӯъбаҳои илмӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ[4, с.39].

Омили дигари рушди бизнес-сохторҳо рушди инноватсионии онҳост, ки ҳаллу фасли масоили касри (дефитсити) захираҳо ва пояи захиравии иқтисодиёти минтақаро имконпазир мегардонанд. Аз ҳисоби кам будани маблағгузорӣ ба иқтисодиёти минтақавӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ наметавонанд ба сатҳи ҷаҳонии рушд бароянд ва самаранок инкишоф ёбанд.

Ҳамин тариқ, дар шароити ташаккули муносибатҳои бозорӣ ва татбиқи сиёсати саноатикунонии босуръати кишвар ташаккули бизнес-сохторҳо дар таъмини рушди устувори минтақа афзалият дорад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки рушди бизнес-сохторҳо дар минтақаҳои вилояти Суғд нобаробар буда, дар сатҳи вилоят низ тамоюли рушди он нисбатан суст мебошад. Чунин ҳавасмандгардонии рушди бизнес-сохторҳо дар вилояти Суғд дар сиёсати саноатикунонии босуръат афзалият дошта, заминаи рушди инноватсиониро ташкил медиҳад.

**_ПАЙНАВИШТ:_**

1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» Душанбе: 26.01.2021. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/ru/node/25006. (санаи муроҷиат 12.11.2021).*
2. *Комилов С.Дж. Роль инновационных технологий в процессе производства продукции / С.Дж.Комилов, Б.К.Шарипов, Т.С.Саидова // Таджикистан и современный мир. – Душанбе, 2020. - № 2 (70). - С. 175-181.*
3. *Раджабов Р.К., Роль частного сектора в производственной сфере и пути повышения конкурентоспособности национальной экономики / Р.К.Раджабов, М.М.Шарипов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: Сино, 2016. - №2/8 (218). - С.11-17.*
4. *Ризокулов Т.Р. Инвестиционная стратегия в активизации структурной перестройки национальной экономики Таджикистана. Современные проблемы науки и образования / Т.Р.Ризокулов – Москва, 2014. -№5.- С.37-42.*
5. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон/маҷмуаи оморӣ. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. –414с.*
6. *Омори солонаи вилояти Суғд: Тоҷикистон 30 соли истиқлолияти давлатӣ. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021. –744с.*
7. *Тоҷикистон: 30 соли истиқлолият/Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – 702с.*

***REFERENCES:***

1. *The Message of the President of Tajikistan Republic, the Leader of the Nation, excellency Emomali Rahmon to the Majlisi Oli of Tajikistan Republic "About the Main Branches of Local and Foreign Policy" Dushanbe: 26.01.2021. [Electonic resource]. URL: http://www.president.tj/ru/node/25006. (date of appeal: 12.11.2021)*
2. *Komilov S.J. The Role of Innovation Technology in the Process of Production / S.J.Komilov, B.K.Sharipov, T.S.Saidova // Tajikistan and Modern World. – Dushanbe: 2020.- №2 (70).- PP.175-181*
3. *Rajabov R.K. The Role of Private Sector in the Manufacturing sphere and Ways of Increasing the Copetitiveness of the National Economy / R.K.Rajabov, M.M.Sharipov // Bulletin of Tajik State University (scientific journal). Series of socio-economical and humanitarian sciences.- Dushanbe: Sino, 2016.-№2/8 (218)/-PP.11-17*
4. *Rizokulov T.R. Investment Strategy in Activation of structural Reconstruction of National Economy of Tajikistan. Modern Problems of the Science and Education: / T.R.Rizokulov – M.: 2014.-№5.- PP.37-42*
5. *Annual Statistic of Tajikistan Republic/Statistic Collection. – Dushanbe: The Agency of Statistic under the President of Tajikistan Republic, 2022.-414pp.*
6. *Annual Statistic of Sughd Region: Tajikistan in 30-anniversary of State Independence. – Khujand; Head of office of Statistic Agency under the President of Tajikistan Republic in Sughd Region, 2021.-744pp.*